**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2026)**

Таҷдиди назар ба низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар шароити муосир амри ногузир ба ҳисоб рафта, амалишавии саривақтии он барои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хоса дорад. Бинобар ин, сиёсати ҳуқуқии пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат ба такмил ва мутобиқсозии қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз ҷумла татбиқи самараноки меъёрҳои коллизионӣ, равона гардида, дар ин самт як қатор барномаҳо, консепсияҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шудаанд.

Таҳлили қонунгузории марбут ба танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ, махсусан дар самти амали меъёрҳои коллизионӣ, ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ мусоидат намуда, ҳамчун воситаи муҳими иттилоотӣ барои дарки дурусти механизмҳои муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда хизмат мекунад. Ин раванд, дар навбати худ, барои таъмини татбиқи самараноки сиёсати ҳуқуқии давлат дар самти ҳамгироӣ ба низоми ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои фаромиллӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамзамон, зимни таҳқиқи хусусиятҳои амал ва рушди меъёрҳои коллизионӣ таърихи ташаккули онҳо дар низоми ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ аҳаммияти махсус дорад. Зеро, бидуни омӯзиш ва таҳлили марҳилаҳои пешинаи рушди танзими ҳуқуқии чунин муносибатҳо, ошкор намудани камбудиҳо ва иштибоҳҳои мавҷуда, инчунин арзёбии таҷрибаи амалии татбиқи онҳо, имконнопазир аст, ки самтҳои афзалиятноки такмили минбаъдаи қонунгузорӣ муайян карда шаванд.

Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи таърихии рушди меъёрҳои коллизионӣ имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои мусбат ва манфии танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ муайян гардида, роҳҳои такмили қонунгузории амалкунанда ва мутобиқсозии он ба талаботи муосири муносибатҳои байналмилалӣ пешниҳод карда шаванд. Барои баррасии ҳамаҷонибаи ин раванд, даврабандии инкишофи танзими коллизионии муносибатҳои мазкур аҳаммияти муҳим дошта, он ҳамчун яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти илмӣ баромад менамояд.

Дар маҷмӯъ, аз ҷониби диссертант омӯзиш ва таҳқиқи комплексии масъалаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ, бо дарназардошти ҷанбаҳои таърихӣ, назариявӣ ва амалӣ, барои такмили низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ саривақтӣ ва зарурӣ маҳсуб меёбад.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2024 зикр мегардад, ки "... моро зарур аст, ки зимни пешбурди сиёсати хориҷӣ саъю талошамонро дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ барои расидан ба ҳадафҳои созанда ҷиҳати пойдории сулҳу субот ва тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба тақвият диҳем. Масъалаҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу озодӣ, шаъну шараф ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар аз вазифаҳои афзалиятноки давлат мебошанд" Кори илмии муҳаққиқ дар самти таҳқиқи масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ дорои аҳаммияти махсус буда, дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии байналмилалӣ, пешрафти технологияҳои иттилоотӣ, афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва густариши ҳамкориҳои фаромиллӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Аз ин нуқтаи назар, зарурати танзими самараноки муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин такмили механизми татбиқи меъёрҳои коллизионӣ, барои таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои чунин муносибатҳо аҳаммияти хоса дорад. Маҳз тавассути истифодаи дуруст ва асосноки ин меъёрҳо имкон фароҳам меояд, ки масъалаҳои вобаста ба муайян намудани

ҳуқуқи татбиқшаванда, пешгирии ихтилофҳои ҳуқуқӣ ва таъмини адолати судӣ ба таври самаранок ҳаллу фасл гарданд.

Автореферати диссертатсияи номзадии Исматзода И.Б. дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз ҷумлаи ин гуна кӯшишҳои шоиста дар таҳқиқи масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятию ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз автореферати диссертатсияи Исматзода И.Б. бармеояд, ки муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, давраҳои ташаккул, рушд, хусусиятҳо ва тарзҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷиро дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин замина, диссертант як қатор нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили қонунгузории кишвар дар самти таҳқиқшаванда аҳаммияти муҳим доранд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси нуктаҳои илмии олимони соҳа, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ омода гардида, дар заминаи онҳо диссертант таклифҳои илман асосноки худро барои такмили қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ва ҳал гардидани муаммоҳои ҷойдошта дар ин самт пешниҳод намудааст.

Бо дарназардошти мазмуни автореферат ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи вазифаҳои барои таҳқиқот гузошташударо диссертант ҳал намуда, ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардидааст.

Ҷанбаъҳои назариявӣ, методологӣ ва равиши таҳқиқ хеле хуб ба роҳ монда шудааст ва бо истифода аз усулҳои илмии таҳқиқот автореферат ва диссератсия омода шудааст.

Диссертатсия ва автореферат ҳамчун қадами аввал маҳсуб гардида, мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллифи диссертатсия мазмуни

диссертатсияро пурра фаро гирифтаанд. Инчунин, хулосаҳои алоҳидаи муаллиф асоснок ва масъалаҳои мавриди баррасӣ қарордодашуда ҳаллу фасли худро пайдо намудаанд. Муҳтавои автореферат оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ тасаввуроти комил ҳосил менамояд. Хулосаҳои муҳаққиқ илман асоснок ва нишондиҳандаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқот мебошанд. Аз мазмуну муҳтавои автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз се боб ва нуҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва феҳристи мақолаҳои муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва конфренсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, иборат мебошад. Автореферат дар сатҳи хуби илмӣ омода гардидааст. Аммо, дар автореферат баъзан камбудиҳо, аз қабили хатоиҳои услубӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд, ки ин ҳама ба мазмуни диссертатсия халал ворид намекунанд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Исматзода И.Б. ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, дар он масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шудааст, ки шоистаи дастгирист. Мазмуни автореферати диссертатсияи Исматзода И.Б. шаҳодат медиҳад, ки мавзуи мавриди назар дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағиру иловаҳо аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдухолиқзода А.М.

имзои Абдухолиқзода А.М.-ро тасдиқ мекунам:
номзади илмҳои педагогӣ,
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насрудинзода А.

17.04.2026